# Шарҳи моҳонаи таваррум • Декабри 2019

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи декабри соли 2019 бинобар таъсири омилҳои берунӣ, таклифотӣ ва мавсимӣ раванди болоравӣ дошта, 0,8 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли қаблӣ (декабр с. 2018) ба андози 0,5 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда ба сатҳи таваррум асосан афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,8 фоиз (саҳм дар таваррум 0,4 б.ф.) молҳои ғайрихӯрока 0,6 фоиз (0,2 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,9 фоиз (0,2 б.ф.) таъсир расонид.

Дар моҳи ҳисоботӣ ба болоравии сатҳи нархҳо қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, маҳсулоти ширӣ, гӯшти гӯсфанд, сабзавот (аз қабили бехпиёз, картошка, помидор ва бодиринг) ва тухм мусоидат намуданд, ки раванди мазкур вобаста ба таъсири омилҳои таклифотии мавсимӣ ба вуқӯъ пайваст. Дар баробари ин, коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯрокворӣ низ ба қайд гирифта шуд. Аз ҷумла, нархи биринҷ, гӯшти гов, равғани пахта, меваҷот ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ дар ин моҳ бештар болоравии нархи гази моеъ 11,4 фоиз ва бензини навъи АИ 92 ба андозаи 0,6 фоиз ва доруворӣ 0,1 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Нарху тарифҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ низ дар моҳи ҳисоботӣ тамоюли афзоишёбии мӯътадил дошта, ба 0,9 фоиз баробар гардид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи қиматшавии нархи гази моеъ ба андозаи 11,4 фоиз ва нақлиёт 0,8 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

**Вобаста ба ин, сатҳи таваррум дар соли 2019 ба 8,0 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли гузашта 2,6 б.ф. зиёд мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки мувофиқи “Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 ва давраи миёнамуҳлат” нишондиҳандаи мақсадноки Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи то 7,0 (+/-2 б.ф.) фоиз муайян гардида буд.**

**Дар баробари ин, зиёдшавии сатҳи даромад ва хароҷоти истеъмолии аҳолӣ бо дарназардошти нокифоягии таъминоти маҳсулоти хӯрокворӣ дар**

**Таваррумии моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии нархи орди навъи якум ва гӯшти гов, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**бозорҳои дохилӣ вобаста ба таъсири омили мавсимӣ (номусоидии обу ҳаво) ба раванди болоравии сатҳи нархҳо замина гузошт.**

Дар давоми соли 2019 нархи маҳсулоти хӯроквори дар маҷмӯъ 10,9 фоиз (саҳм дар таврруи 5,8 фоиз) афзудааст, ки асосан болоравии нархи орди навъи якум, гӯшти гов, гӯшти гӯсфанд, биринҷ, шир, тухм, бехпиёз, картошка, себ, нок ва мош мушоҳида гардид.

Аз аввали соли 2019 нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ дар маҷмӯъ 4,2 фоиз (саҳм дар таваррум 1,3 фоиз) афзудааст, ки асосан болоравии нархи маводи доруворӣ 13,0 фоиз, маводи сохтмонӣ 4,9 фоиз, пойафзол 4,6 фоиз, маводи шустушӯй 3,3 фоиз ва қисмҳои эҳтиётии автомобилҳо 2,8 фоиз ба амал омадааст.

Дар давоми соли 2019 арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ дар маҷмӯъ 5,5 фоиз (саҳм дар таваррум 0,9 фоиз афзоиш ёфтааст, аз ҷумла хизматрасониҳои манзилӣ-коммуналӣ 9,1 фоиз, тандурустӣ 10,7 фоиз, маориф 1,5 фоиз, суғурта 2,2 фоиз, хизматрасонии маишӣ ва нақлиёт 3,8 фоизӣ мушоҳида гардид.

Сатҳи таваррумӣ аслӣ** дар моҳи декабри соли ҷорӣ 0,1 фоизро[2] ташкил дода, бо арзёбии солона ба 2,7 фоиз[3] баробар шуд, ки аз маҳдуд будани омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум шаҳодат медиҳад.

**Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ сиёсати пулию қарзии пайгиронаро амалӣ намуда, истифодаи фишангҳои монетариро, пеш аз ҳама меъёри фоизи калиди яъне меъёри бозтамвилро ҷиҳати танзими ҳаҷму арзиши пул ва бартараф намудани таъсири фишорҳо ба сатҳи нархҳо ва ба ин васила ноил гардидан ба ҳадафи мақсадноки таваррум равона менамояд.**

**Таваррумӣ аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
[3] - с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

***Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.***

**Таваррумӣ аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таваррумӣ умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таваррумӣ аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таваррумӣ аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёддошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таваррумӣ аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ*

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | | Декабр, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | | | | | 2019 | | | | | | | |
| | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Март | Июн | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **2,5** | **1,6** | **5,0** | **5,4** | **5,7** | **7,8** | **8,7** | **8,1** | **7,3** | **7,5** | **8,0** | **0,8** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **0,9** | **-2,1** | **4,8** | **4,9** | **6,3** | **10,2** | **13,5** | **11,9** | **9,8** | **10,6** | **11,4** | **0,8** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -3,4 | -4,2 | 4,5 | 8,9 | 13,2 | 19,7 | 18,8 | 16,1 | 18,8 | 17,4 | 16,5 | -0,8 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | 1,9 | 8,1 | 15,8 | 19,5 | 20,7 | 22,1 | 24,8 | 15,3 | 14,4 | 9,9 | 7,6 | -2,0 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -6,0 | -8,2 | 3,9 | 9,9 | 16,0 | 25,3 | 22,1 | 19,7 | 23,5 | 21,8 | 21,0 | -1,0 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,5 | 4,9 | 6,7 | 8,6 | 9,4 | 10,4 | 18,0 | 22,9 | 23,5 | 24,4 | 21,8 | -0,7 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,0 | 3,0 | 6,1 | 8,9 | 9,7 | 11,4 | 21,8 | 27,2 | 27,1 | 28,6 | 25,9 | -1,2 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | -0,6 | 0,1 | 7,7 | 3,9 | 1,8 | 6,6 | 6,0 | 3,1 | -3,3 | 3,1 | 6,3 | 4,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 2,3 | 3,7 | 3,4 | 4,1 | 2,6 | 3,1 | 4,8 | 4,3 | 5,0 | 4,6 | 6,4 | 3,0 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | -2,2 | 0,7 | -1,4 | 1,3 | -2,1 | 0,0 | 2,7 | 6,7 | 1,4 | -3,0 | 7,3 | 10,6 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -2,5 | -0,8 | 4,7 | 9,2 | 9,1 | 10,4 | 5,2 | 0,6 | -0,6 | -0,7 | -1,7 | -0,4 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 6,4 | 24,2 | 18,2 | 4,0 | 2,3 | -4,0 | -15,5 | -5,4 | 1,9 | 3,4 | -2,2 | -1,8 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | -6,4 | -23,8 | -1,4 | -10,7 | -9,7 | 3,7 | 33,1 | 15,0 | -6,1 | 1,1 | 15,4 | 8,3 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -10,1 | -11,2 | -11,3 | 2,7 | 4,4 | 5,7 | -0,6 | 3,4 | 3,3 | -0,9 | -5,1 | -2,6 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,6 | 3,3 | 3,6 | 2,8 | 2,5 | 5,1 | 6,2 | 6,7 | 6,6 | 8,1 | 8,1 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **6,9** | **8,0** | **8,0** | **6,7** | **8,1** | **7,3** | **7,8** | **7,8** | **3,0** | **0,1** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **8,0** | **4,7** | **6,4** | **5,4** | **6,5** | **3,8** | **3,5** | **0,9** | **1,3** | **2,6** | **1,0** | **-0,5** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,0** | **5,8** | **5,7** | **6,4** | **6,3** | **6,3** | **4,7** | **4,1** | **4,8** | **4,5** | **4,2** | **0,6** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 3,0 | 4,9 | 4,6 | 5,6 | 14,4 | 14,7 | 13,5 | 14,4 | 14,5 | 14,4 | 13,4 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 6,1 | 7,0 | 7,3 | 7,8 | 6,0 | 5,2 | 4,9 | 5,4 | 5,6 | 4,9 | -0,1 |
| Моводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 0,7 | 3,2 | 6,2 | 6,2 | 7,0 | 9,0 | 6,3 | 4,4 | 3,6 | 3,3 | 0,2 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 1,9 | 9,2 | 10,4 | 10,7 | 6,4 | 18,1 | 10,8 | 16,2 | 14,9 | 13,0 | 0,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 14,1 | 26,4 | 14,1 | 12,2 | 7,2 | 5,4 | -10,6 | -9,1 | -8,8 | -9,1 | -5,7 | 3,6 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -8,1 | -8,9 | -8,9 | -8,4 | -8,4 | -5,0 | -12,7 | -18,0 | -15,7 | -14,1 | -9,9 | 9,8 |
| Васоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 4,4 | 4,4 | 5,2 | 5,2 | 8,1 | 0,4 | 1,5 | 1,4 | 1,4 | 0,8 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 9,1 | 11,9 | 8,4 | 8,3 | 8,7 | 8,5 | 4,9 | 4,1 | 4,3 | 3,1 | 3,8 | 0,8 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **5,0** | **7,3** | **4,3** | **4,9** | **2,1** | **3,4** | **1,3** | **3,7** | **4,6** | **3,7** | **5,5** | **0,9** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 11,7 | 20,5 | 11,3 | 10,8 | 9,8 | 12,3 | 3,2 | 15,7 | 14,8 | 6,9 | 9,1 | 1,8 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 4,6 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 6,5 | 3,3 | 2,9 | 2,9 | 2,9 | 2,8 | -0,1 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 9,5 | 9,5 | 9,4 | 8,4 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 3,7 | 3,7 | 4,3 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 14,9 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,6 | 14,4 | 32,9 | 32,7 | 16,2 | 16,2 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 8,5 | 52,3 | 8,7 | 6,2 | 2,8 | 14,1 | -23,3 | -15,8 | -15,2 | -15,9 | -5,9 | 10,7 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 0,7 | -0,6 | -0,7 | 2,9 | -4,8 | -2,4 | -0,2 | -8,8 | -5,0 | 0,3 | 3,7 | 0,8 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 0,2 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,4 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,5 | 2,9 | 1,8 | 3,3 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 5,3 | 4,4 | 4,3 | 3,8 | 0,0 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.
** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо